ҚАРОРИ
ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони соҳаи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз « 10 » апрели с. 2014 № 3/1 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Тартиби пешниҳод ба мукофотҳои соҳавии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони соҳаи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Тартиби пешниҳод ба мукофотҳои соҳавии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

1. Тартиби пешниҳод ба мукофотҳои соҳавии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба сардорони раёсатҳои фарҳанги Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, мудирони шуъбаву бахшҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои тобеи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад, ки пешбарии номзадҳоро ба мукофотҳои соҳавӣ дар асоси Тартиби мазкур ба роҳ монанд.
3. Ба шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад, ки қарор ва Тартиби мазкурро бо теъдоди зарурӣ нусхабардорӣ намуда, дастраси раёсатҳои фарҳанги Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, мудирони шуъбаву бахшҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои тобеи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттифоқҳои эҷодӣ ва идораҳои матбуоти даврии кишвар гардонад, инчунин дар сомонаи вазорат ҷой диҳад.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир гузошта шавад.

Раиси ҳайати мушовара,
Вазири фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
___________ Ш. Орумбеков

Раиси Кумитаи иттифоқи касабаи
кормандони соҳаи фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
____________З. Ҳоҷиева